Сохта шуд: 02.11.2016, 15:33

Аз огози даъвати тирамохии шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ 30 рӯз сипарӣ гардид ва то ин дам дар чумхурӣ ичрои накша ба 89 фоиз баробар аст. Аз чумла, дар чараёни ин маъракаи мухими сиёсӣ ичрои накшаи даъвати шахрвандон ба хизмати харбӣ дар вилояти Сугд 92 фоиз, дар гарнизони Хатлон 94 фоиз, дар ВМКБ 100 фоиз, нохияхои тобеи чумхурӣ 95 фоиз ва дар комиссариятхои харбии чор навохии пойтахт 77 фоизро ташкил медихад.

Умуман аз огоз то ин дам, аз мачмӯи 68 шахру нохияхои мамлакат 35 комиссариятхои харбӣ ва макомоти масъули вобастаи давлатии даъват дар каламрави чумхурӣ аз ичрои пурраи накшаи даъвати шахрвандон ба сафи Куввахои Мусаллах гузориш додаанд.

Барои маълумот хотиррасон мекунем, ки дар тамоми шахру навохии мамлакат даъвати тирамохии шахрвандон ба хизмати харбӣ аз 1 – уми октябри соли 2016 огоз гардида, фаъолияти комиссияхои даъватӣ то 30 – юми ноябри соли чорӣ идома меёбад.